*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №73 (2900) | ПАНҶШАНБЕ, 14 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Сафари кории Сарвари давлат ба вилояти Суғд

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои ифтитоҳи як қатор иншооти ҷашнии бахшида ба 15-солагии Ваҳдати миллии Тоҷикистон, оғози сохтмони иншооти зиёди дигар, шиносоии бевосита бо натиҷаҳои рушди ҳаёти ҷомеа ва назорат аз рафти машқҳои низомии муштараки кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай «Рисолати сулҳҷӯёна» 12 июни соли 2012 ба вилояти Суғд сафар кард.**

Дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро роҳбарияти вилояти Суғд ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Нахуст Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Муассисаи таълимии давлатии Мактаб-интернати махсуси президентӣ дар шаҳри Чкалов ташриф оварда, бо натиҷаҳои ибратбахши фаъолияти ин мактаб-интернати махсуси навбунёд, вале пешқадам шинос шуд.

Хотиррасон бояд намуд, ки Мактаб-интернати махсуси президентӣ дар шаҳри Чкалов маҳз бо иқдом ва дастгирии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бунёд ёфта, соли 2009-ум ба ифтихори 12-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба фаъолият оғоз карда буд. Ин мактаб бо тарҳу лоиҳаи мӯҳташаму нодир дар минтақа ҳамто надорад. Дар он барои таҳсили хонандагон, сайқали донишу маҳорати онҳо, кори пурсамари муаллимон дар таълиму тарбия тамоми шароите сол пеш дода буд, хобгоҳи хуштарҳу замонавӣ дар паҳлуи мактаб бунёд ёфта, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Арзиши лоиҳавии ин хобгоҳи чорошёна 5,5 млн сомонӣ буда, тибқи лоиҳаи хоса бунёд ёфтааст.

Сарвари давлат аз хобгоҳи нави Мактаб-интернати махсуси президентӣ дидан намуда, ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дод ва ҳамзамон барои боз ҳам беҳтар намудани шароити он як қатор дастуру ҳидоятҳо дод.

Хобгоҳ дорои 61 ҳуҷра барои зист, дарстайёркунӣ ва фароғат буда, барои 400 нафар хонандаи роҳдур пешбинӣ шудааст. Он бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ, аз ҷумла катҳои дуқабатаи хоб, ҷевонҳои либос, ҷевонҳои китоб, мизу курсӣ, толори варзишӣ ва лавозимоти машқи ҷисмонӣ муҷаҳҳаз ва барои истиқомати хонандагон мувофиқ карда шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба устодону хонандагон ва падару модарон муроҷиат намуда, онҳоро ба ширкати «Элегант»-и шаҳри Чкалов ташриф оварда, бо кори ибратбахшу пурсамари соҳибкорони маҳаллӣ аз наздик шинос шуд.

Тибқи иттилооти садодода, саҳми соҳибкорон ва ширкатҳои ватанӣ дар иҷрои ҳадафҳои созандагии Ҳукумати кишвар дар самти бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, ворид намудани технологияи навтарин, коркарди ашёи хоми ватанӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ рӯ ба афзоиш дорад.

Ширкати «Элегант»-и шаҳри Чкалов корхонаи коркарди сангҳои табиӣ мебошад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбат бо роҳбарият ва мутахассисону коргарони корхона ва намояндагони чанд ширкати дигари дар ин самт фаъолиятдошта сангҳои табиии Тоҷикистонро сарвати миллӣ номид ва ба масъулон супориш дод, ки истихроҷу коркарди сангҳои табиӣ ва номгӯйи маҳсулотро аз ин атои табиӣ боз ҳам афзун намуда, содироти онро низ ба роҳ монанд.

Самараи кори аҳли ширкати «Элегант» дар истихроҷу коркард ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ороишӣ намунаи хуби пешрафт дар ин самт мебошад.

Дар ин корхона ҳоло 70 на-



ити зарурӣ муҳайё аст. Ин аст, ки дар давоми солҳои хониши 2009-2012 мактаб дар сатҳи донишу тарбияи хонандагон ба нишондиҳандаҳои баланд ноил гардид.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз дастовардҳои хонандагони ин боргоҳи маърифат дар солҳои фаъолият изҳори хушнудӣ карда, онҳоро ба омӯзиши амиқи донишҳои муосир ва хониши аълою рафтори намунавӣ ҳидоят намуд.

Омӯзгорон ва хонандагони мактаб ба Сарвари давлат ваъда доданд, ки бо истифода аз чунин шароити олӣ ва ғамхории Давлату Ҳукумат дар баланд бардоштани сатҳи донишомӯзӣ беҳтару бештар саъю кӯшиш менамоянд.

Дар ин рӯз аҳли Мактаб-интернати махсуси президентӣ дар шаҳри Чкалов соҳиби боз як тӯҳфаи хубу пурарзиш гардиданд. Бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки истифодаи пурсамар аз шароити хуби муҳайёшуда ва дар сатҳи баланд ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас ҳидоят намуд. Бо ёдоварӣ аз ғамхориҳои Ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф аз ҷумла зикр гардид, ки танҳо дар панҷ моҳи соли равон ба ин соҳа дар вилояти Суғд беш аз 100 млн. сомонӣ аз буҷети давлатӣ равона гардидааст.

Сарвари давлат бо хушнудӣ ёдовар шуд, ки ҳамаи хатмкунандагони порсолаи ин мактаби намунавӣ ба мактабҳои олии бонуфузи дохилу хориҷи кишвар дохил шуда, имрӯз таҳсили хуб доранд.

Президенти кишвар барои дастгирии рушди минбаъдаи сифати таълиму тарбия дар ин мактаб ба масъулин дастур дод, ки то моҳи сентябри соли 2013 дар назди он як бинои истиқоматии дорои 46 хона барои омӯзгорон сохта, ба истифода диҳанд.

Сипас Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба коргоҳҳои фар коргарону мутахассисон соҳиби ҷойи кори доимӣ шуда, аз 700 то 1500 сомонӣ маош мегиранд. Қисме аз онҳо занону духтарони маҳаллӣ мебошанд, ки аз сангҳои табиӣ бо усули зебо, асосан гулдон, фаввораю шаршараҳои миниатюрии армуғонӣ меофаранд.

Роҳбарият ва мутахассисони ширкат дар асоси супориши Сарвари давлат марҳилаи нави рушди соҳа – ҳосил намудани нах ва пахтаи минералӣ аз санги табииро ба роҳ мондаанд, ки лоиҳаи нави инноватсионӣ мебошад. Нах ва пахтаи минералӣ минбаъд барои бетағйир нигоҳ доштани гармӣ ва ё сардӣ дар хонаю иморатҳо ва ҳам зарфу лӯлаҳои нигоҳдорӣ ва ё интиқоли моеъ истифода шуда, боиси сарфаи сӯзишворӣ барои ин ҳадафҳо мегардад. Дар ин корхона 300 нафари дигар бо кор таъмин хоҳанд шуд.

**(Идома дар саҳ. 2)**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**13 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рӯзномаи Шӯро бо фарогирии масъалаҳои зерин қабул гардид:

«Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷи-кистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминободи вилояти Хатлон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров А.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров А.А.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов А.И.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Н.М.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров А.С.».

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои муҳокимашуда таври алоҳида қарорҳо қабул ва масъалаҳои мазкурро ҷиҳати баррасӣ ба Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Ҳамчунин дар Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои охирини рӯзнома - «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани рутбаҳои дараҷавӣ» қарорҳо қабул шуда, дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

# Давлатро кадрҳои соҳибкасбу бомаърифат обод мекунанд

## Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи хобгоҳи навбунёди мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Чкалови вилояти Суғд

*12 июни соли 2012*





**Устодону хонандагон ва падару модарони гиромӣ!**

Расо се сол қабл дар арафаи таҷлили яке аз ҷашнҳои муборакии давлатамон - Рӯзи ваҳдати миллӣ мову шумо дар шаҳри Чкалов мактаби президентиро барои хонандагони болаёқат ифтитоҳ намуда, қарор карда будем, ки барои хонандагони ноҳияҳои дурдаст дар ҳудуди муассиса як хобгоҳи муосир бунёд карда шавад. Ин супориш амалӣ шуд ва имрӯз мову шумо дар расми ба истифода супоридани ин иншооти навбунёди аз ҳар лиҳоз муҷаҳҳаз ширкат дорем.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо – омӯзгорону хонандагон ва ҳозирини гиромиро ба муносибати ифтитоҳи хобгоҳи мазкур, ки барои истироҳату фароғати толибилмони болаёқати ин муассисаи таълимӣ бунёд гардидааст, самимона табрик намуда, ба меъморону бинокорон ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёди ин иморати хуштарҳи зебо заҳмат кашидаанд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Чуноне доим таъкид месозам, барои давлат ва ҷомеаи мо яке аз ҳадафҳои муҳимтарин фароҳам овардани шароити зарурӣ бо мақсади ба таълиму тарбия фаро гирифтани насли наврас, дар қалбу шуури онҳо бедор кардани шавқу рағбати илмомӯзӣ, эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ҳамчун шахсони сазовори оянда ба камол расонидани онҳо мебошад. Зеро давлатро танҳо кадрҳои соҳибкасбу бомаърифат обод мекунанд ва пешрафту оромии ҳар ҷомеа аз сатҳи донишу ихтисосмандӣ ва фарҳангу ҷаҳонбинии афроди он вобастагии мустақим дорад.

Аз ин рӯ, шумо - фарзандони азиз бояд аз натиҷаҳои ғамхории доимии Давлату Ҳукумати Тоҷикистон, яъне мактабу синфхонаҳои муосиру муҷаҳҳаз, хобгоҳу дигар иншооти замонавии бароятон муҳайёгардида, муҳимтар аз ҳама, аз донишу таҷрибаи устодони худ, ки барои шумо заҳмат мекашанд, самаранок баҳравар гардед ва ба хотири омӯзиши илму дониш, бахусус илмҳои табииву риёзӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, ахлоқи ҳамидаву рафтори нек доим саъю талош кунед ва дар оянда барои миллати соҳибтамаддуни худ ҳамчун кадрҳои баландихтисос хизмати арзандаро анҷом диҳед.

Давлату Ҳукумати кишвар барои таҳкими асосҳои моддиву техникии соҳаи маориф ва беҳтар ба роҳ мондани раванди таълиму тарбияи хонандагон бо роҳи татбиқи барномаҳои давлатӣ, таъмиру ба истифода супоридани мактабҳо ва иншооти ёрирасони онҳо, дастгирии иҷтимоиву иқтисодии омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим тавассути баргузории чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ маблағгузориро аз ҳамаи сарчашмаҳо, аз ҷумла аз ҳисоби буҷет, мунтазам зиёд мекунад. Масалан, танҳо дар панҷ моҳи соли ҷорӣ аз буҷети давлат ба соҳаи иҷтимоиёти вилояти Суғд қариб 215 миллион сомонӣ, аз ҷумла қариб 100 миллион сомонӣ ба соҳаи маориф, ҷудо шудааст.

Иншооте, ки имрӯз бахшида ба 15 – солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад, яъне хобгоҳи мактаби президентӣ барои 400 нафар хонандагони болаёқат пешбинӣ шудааст. Иморати чорошёнаи хобгоҳ дар маҷмӯъ дорои 61 ҳуҷраи истироҳативу дарстайёркунӣ, толори варзишӣ ва дигар утоқҳои ёрирасон мебошад.

Хобгоҳ бо сарфи 5,5 миллион сомонӣ бунёд шуда, дар он тамоми шароити муосир барои истиқомату донишомӯзии хонандагоне, ки аз ноҳияҳои дурдаст таҳсил мекунанд, фароҳам оварда шудааст.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки аз рӯзҳои аввали ба фаъолият оғоз намудани мактаби президентии мазкур, яъне аз соли хониши 2009, ҳамаи 72 нафар хатмкунандагони ин макони маърифат ба унвони донишҷӯй мушарраф гардида, ҳоло 48 нафари онҳо дар мамлакатҳои олии мамлакат ва 24 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷии дуру наздик таҳсил мекунанд.

Ҳамчунин шогирдони мактаб давоми се соли гузашта дар олимпиадаҳои фанниии дохиливу байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби даҳҳо медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ гардидаанд, ки ин, албатта, натиҷаи саъю кӯшиши хонандагон, заҳмати устодону омӯзгорон ва ҳамкории хуби падару модарон бо мактаб мебошад.

Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҷалби ҳар чӣ бештари хонандагон ба варзиш, бахшҳои гуногуни варзишӣ фаъолият доранд, ки дар баробари инкишофи имкониятҳои зеҳнӣ, инчунин ба тақвияти неруи ҷисмонии хонандагон, мусоидат менамоянд.

Ҳангоми ифтитоҳи мактаби президентӣ, илова ба масъалаи сохтмони хобгоҳ барои хонандагон, инчунин бо манзил таъмин кардани омӯзгорон низ таъкид шуда буд.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф, Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Чкалов вазифадор мешаванд, ки барои омӯзгорони эҳтиёҷманди ин муассисаи таълимӣ як хонаи истиқоматии бисёрошёна бунёд намуда, онро то оғози соли хониши 2013 ба истифода супоранд.

Ҳукумати кишвар барои дастгирии иҷтимоии аҳли маориф ва баланд бардоштани сатҳи таъминоти онҳо таваҷҷуҳи пайваста зоҳир менамояд. Дар Паёми имсолаи Президент ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид гардидааст, ки бо назардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва афзоиши имкониятҳои молиявӣ аз 1 сентябри соли ҷорӣ марҳалаи дуюми зиёдшавии музди меҳнат амалӣ гардида, маоши кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, яъне мактабҳои миёна ва муассисаҳои томактабӣ, хонаинтернатҳо барои пиронсолону маъюбон 60 фоиз зиёд карда мешавад.

Мо ҳамчунин ташкили муассисаҳои таълимиро барои хонандагони болаёқат яке аз самтҳои муҳими соҳаи маориф мешуморем. Ҳамин аст, ки дар солҳои истиқлолият бо ибтикори бевоситаи Ҳукумат дар қаламрави кишвар 5 муассисаи таълимии литсей-интернати президентӣ барои хонандагони болаёқат таъсис гардида, ҳоло дар онҳо зиёда аз 2700 нафар хонандагони лаёқатманд ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Илова бар ин, дар назар аст, ки то моҳи сентябр боз ду муассисаи нави таълимии президентӣ барои зиёда аз 1600 нафар хонандагони болаёқат ба истифода супорида шавад.

Бо истифода аз ҳузури падару модарон мехоҳам бори дигар хотирнишон созам, ки дар баробари чораҳои андешидаистодаи Давлату Ҳукумати кишвар доир ба рушди соҳаи маориф, таҳкими робитаи оила бо мактаб, таълиму тарбияи фарзандони солиму бообод ва соҳибмаърифату донишманд, инчунин дар шуури насли наврас густариш додани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, рӯҳияи ифтихор аз таъриху фарҳанги волои миллӣ, худогоҳӣ ва худшиносӣ, омӯзиш ва таблиғи анъанаву суннатҳои беҳтарини миллӣ ва фарогириву эҳтироми арзишҳои неки умумибашарӣ вазифаи муқаддаси волидайн ва аҳли ҷомеа мебошад.

Маҳз бо ҳамин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд ва волидайн бояд ба хотири тарбияи насли ояндасози ҷомеа, фарзандоне, ки номбардори падару модари худ ва миллату давлати соҳибистиқлоли хеш шуда тавонанд, ҳамаи имкониятҳои худро сарф намоянд. Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ғамхорӣ ба насли имрӯз ва фароҳам овардани шароит барои таълиму тарбияи он – ғамхорӣ барои ояндаи ободи давлат, миллат ва ҷомеа мебошад.

Дар робита ба ин, таъкид месозам, ки дар сатҳи олӣ фароҳам овардани тамоми шароит барои таълиму тарбияи насли наврас вазифаи аввалиндараҷа ва доимии давлат ва ҷомеа, аз ҷумла соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва падару модарон, мебошад.

Мо бояд коре кунем, ки дар ояндаи наздик ягон фарди ҷомеаи мо, аз ҷумла ҷавонон, бе касбу кор намонанд. Ба ин хотир, зарур аст, ки барои пурзӯр ва самаранок гардонидани фаъолияти марказҳои касбомӯзӣ ва коллеҷу ҳунаристонҳо тамоми имконият сафарбар карда шавад.

Ҳамчунин ба шумо – фарзандони азиз, ки соҳибони ояндаи халқу Ватани азизамон мебошед, мурочиат карда, таъкид месозам, ки бояд ҳар чӣ бештар ба омӯзиши илмҳои замонавӣ, азхудкунии воситаҳои техникиву технологияҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва муҳимтар аз ҳама, дар сатҳи баланд омӯхтан ва риояву ҳифз кардани тозагии забони зебо ва ширину шоиронаи тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ машғул шавед ва итминон дошта бошед, ки манфиати заҳмати имрӯза ва фоидаи донишҳои омӯхтаатонро баъди чанд сол ҳатман мебинед.

Вазифаи шумо имрӯз бо баҳои хубу аъло хондан, эҳтироми падару модар ва калонсолонро ба ҷой овардан, риоя кардани қоидаҳои одоб ва муошхрати неки миллӣ, дӯст доштани Ватани соҳибистиқлоламон – Тоҷикистони азиз ва ба хизмати он омода шудан мебошад.

Бо ҳамин ниятҳои нек дар фарҷоми сухан бори дигар ҳамаи шумо - устодону хонандагон, падару модарони арҷманд ва ҳозирини гиромиро ба муносибати ифтитоҳ гардидани хобгоҳи навбунёди мактаби президентӣ табрик гуфта, дар таҳсилу фаъолияти минбаъдаи ҳар кадоматон комёбиву барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша хушбахту хонаобод бошед!**

# Сафари кории Сарвари давлат ба вилояти Суғд

(Идома аз саҳ. 1)



Дар назди корхона, ҳамчунин як бинои боҳашамати сангин сохтаанд, ки бо усули бостонии қалъасозӣ бунёд ёфта, дар он осорхонаи сангҳои ороишӣ, маҳсулот аз он ва китобхонаи китобу адабиёти дигари ин соҳа ҷойгир шудааст.

Аз шаҳри Чкалов Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Минтақаи озодии иқтисодии «Суғд», ки дар шаҳри Хуҷанд қарор дорад, ташриф оварда, бо кори он шинос шуд.

Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» моҳи апрели соли 2009 ҳамчун муассисаи давлатӣ ба қайд гирифта шудааст. Тӯли ин давра дар ин ҷо ба фаъолият шурӯъ намудани 7 корхонаи нави истеҳсолӣ ва аз қайд гузаштани боз 13 субъекти дигар собитгари манфиати таъсиси ин шакли фаъолияти иқтисодию истеҳсолӣ мебошад. Ташкили Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» василаи вориди сармояи хориҷӣ, технологияи муосир ва тавлиди молу маҳсулоте гардид, ки қаблан пурра аз хориҷи кишвар ворид мешуд. Ҳоло дар субъектҳои ин муассиса истеҳсоли 20 намуд қубурҳои пластикию полипронилении қутрҳои гуногун, ноқилҳои барқӣ, панелҳои офтобӣ, обкашҳои амудӣ ва рангҳои сохтмонӣ истеҳсол мешавад.

Ҳамон рӯз дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти боз як корхонаи нав – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Равзана пластик» оғоз бахшид.

Чуноне зикр гардид, ин нахустин корхонаи истеҳсолкунандаи профилҳои пластикӣ дар Тоҷикистон мебошад. Сарвари давлат таъкид намуд, ки дар корхона саҳми истеҳсолотро афзун карда, бозори дохилиро таъмин намоянд ва содироти маҳсулотро ба хориҷи кишвар низ ба роҳ монанд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, давоми соли 2011 ба ҷумҳурӣ 2400 тонна профилҳои пластикӣ ворид шудааст. Иқтидори истеҳсолии ин корхона бошад, ба 3000 тонна дар як сол баробар аст, яъне корхона аллакай имкон дорад бозори дохилиро бо профилҳои пластикӣ пурра таъмин намуда, маҳсулоташро ба содирот ҳам барорад.

Барои таъсиси корхона 1,2 млн доллари амрикой сармоягузорӣ шуда, дар 3 хати технологӣ 7 намуди профилҳои пластикӣ бо нишонаи тиҷоратии «Манзил» тавлид карда мешавад. Маҳсулоти корхона аллакай дар дохил ва хориҷи кишвар харидори сершумор дорад.

Роҳбарияти корхона, ҳамчунин ният доранд, боз як коргоҳи нав - хати технологии истеҳсоли маҳсулоти резиниро ба роҳ монда, фаъолияти корхонаро тавсеа бахшанд ва шумораи ҷойҳои кориро афзун намоянд.

Маҳсулоти субъекти дигари Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» - ҶДММ «Стар пласт» қубурҳои пластикӣ ва полипротиленӣ мебошад, ки тайи се соли гузашта омили коҳишдиҳандаи воридоти ин намуди маҳсулот аз хориҷи кишвар гардидааст.

Аҳли заҳмати корхона ба амалӣ намудани тадбири дигар - таъмини бозори дохилӣ бо зарфҳои пластикӣ низ ноил мешавад. Бо ин мақсад дар корхона се хати технологиии нав (термопласт) барои истеҳсоли қуттиҳои полиэтиленӣ барои ҷамъоварӣ ва ҷой кардани меваю сабзавоти тару тоза васлу насб гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти сабук, камхарҷ ва ба ҳадаф мувофиқ будани чунин зарфҳо дастур дод, ки истеҳсоли онро зиёд намуда, ба тамоми боғпарварон ва содиркунандагони меваю сабзавоти кишвар пешкаш намоянд.

Якчанд намуди зарфҳои пластикии «Стар пласт» дар корхонаи дигари Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» – «Силк солт», ки бо истеҳсоли рангҳои сохтмонию ороишӣ машғул аст, барои басту банди маҳсулоти он мавриди истифода қарор дорад.

Афзалияти асосии фаъолияти ширкати «Силк солт» дар он аст, ки дар истеҳсоли рангҳои ороишии сохтмон гузаштан ба истифодаи ашёи хоми ватаниро пеша кардааст. Ҳоло 80-90 фоизи ашёи хоми онро сангу хок, рег ва дигар сарватҳои табиии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Тавре иттилоъ дода шуд, пештар тамоми ашёи хоми он аз хориҷи кишвар ворид мешудааст, ки сабаби гаронии маҳсулоти корхона мешуд. Акнун бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ хароҷоти истеҳсолӣ кам, ҳаҷми маҳсулот, иқтидори содиротӣ ва шумораи ҷойҳои корӣ батадриҷ зиёд мешавад. Тавре иттилоъ дода шуд, маҳсулоти аз ашёи хоми ватанӣ истеҳсолшаванда на танҳо арзон, балки нисбатан хушсифат ҳам ҳаст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбат бо соҳибкорони ватанӣ таъкид намуд, ки Ҳукумати кишвар сиёсати дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва афзалият додан ба соҳаҳои таъминкунандаи бозори дохилӣ бо маҳсулоти воридотивазкунандаро босубот идома медиҳад.

Зимни боздид аз намоишгоҳи маҳсулоти корхонаҳои саноатии вилояти Суғд, аз ҷумла зикр гардид, ки соли гузашта 65 корхонаи нави хурду миёна бунёд ёфта, дар онҳо 2300 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд. Имсол бошад, тибқи нақша бояд зиёда аз 80 корхонаи нав бо 3,5 ҳазор ҷойи корӣ ба кор дароварда шавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони корхонаҳои нассоҷии «Олим текстайлз» ва «Нику Хуҷанд» дастур дод, ки коркарди пурраи нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро ҳар чӣ зудтар ба роҳ монанд.

Дастуру ҳидоятҳо, ҳамчунин доир ба афзудани истеҳсоли маҳсулоти гуногуни аз хориҷа воридшаванда, ҳавасмандсозии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳифзи бозори дохилӣ, паст кардани арзиши аслии маҳсулот, ба роҳ мондани содирот ба хориҷи кишвар ва муҳайёсозии ҷойҳои бештари корӣ дода шуд.

Бо хушнудӣ зикр гардид, ки сол ба сол истеҳсоли маҳсулоти воридотӣ бо истифода аз технологияи муосир дар дохили кишвар ба роҳ монда мешавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки ин раванди мусбӣ бояд ривоҷ дода шавад, то ин ки на танҳо бозори дохилӣ пурра бо маҳсулоти ватанӣ таъмин шавад, балки содирот ба хориҷи кишвар низ афзун гардад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ба зардолубоғи хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ташриф оварда, бо боғпарварони соҳибтаҷрибаи он сӯҳбати ҷолиб анҷом дод ва ба кори боғбонон дар рӯёнидани навъҳои беҳтарини зардолу баҳои баланд дод.

Президенти мамлакат зимни шиносоӣ бо тарзи чидану хушк кардани зардолу бо масъулон оид ба таъсиси корхонаҳои хурди хушксозӣ ва бастабандии меваи хушк мутобиқ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ, ки асоси якчанд маротиба зиёд шудани даромад аз боғу токпарварӣ аст, маслиҳатҳои муфид дод.

***www.prezident.tj***

●Шарҳи мутахассис

# Нотариати давлатӣ чӣ салоҳият ва вазифа дорад?

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» дар таҳрири нав қабул шуда, мавриди амал қарор дорад. Мақсади асосии таҳия ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммал намудани принсипҳои фаъолияти нотариати давлатӣ, мутобиқати меъёрҳои он бо қонунҳои амалкунанда ва таҳкими низоми ҳуқуқии соҳа мебошад.**

**Хабарнигорамон атрофи ин масъала бо сарнотариуси давлатии Саридораи нотариати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаббат Каримова мусоҳиб гардид.**

**-Нотариати давлатӣ чӣ гуна мақомот аст ва вазифаҳои асосии он аз чӣ иборатанд?**

- Нотариати давлатӣ сохтори мақоми давлатӣ дар тобеияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар бобати танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ, таъмини ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, дар маҷмӯъ ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, саҳми босазо дорад. Таърих собит намудааст: дар ҳар давлате, ки шароити муомилоти молу мулкӣ вуҷуд дорад, нотариат қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии онро ташкил медиҳад.

Нотариат ҳамчун институти ҳуқуқӣ устувории муомилоти гражданӣ, муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлатро тавассути ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ таъмин менамояд. Илова бар ин, нотариати давлатӣ моликияти хусусиро муҳофизат намуда, баҳснопазир, қатъӣ будани муносибатҳои молу мулкӣ ва дигар ҳуқуқҳои иштироккунандагони муомилоти гражданиро таъмин менамояд.

Дар шароити муосир нотариат воситаи ҳуқуқиест, ки он барои амалӣ шудани муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ мусоидат мекунад.

Ба ғайр аз ин, нотариусони давлатӣ дар фаъолияташон бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии аҳолӣ саҳми муҳим мегузоранд.

Ҳамин тавр, вазифаҳои нотариати давлатӣ таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ (шаҳрвандон), шахсони ҳуқуқӣ ва давлат бо роҳи ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**- Субъектҳои амалиёти нотариалиро баҷооваранда киҳо буда метавонанд?**

- Ҳуқуқи ба ҷой овардани амалиёти нотариалиро нотариусҳои давлатӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, шахсони ваколатдори консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсоне доранд, ки мутобиқи қонуни мазкур ваколатдор шудаанд. Бояд зикр кард, ки ҳуқуқи ба ҷой овардани амалиётҳои нотариалӣ аз ҷониби раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва шахсони мансабдори дигар маҳдуд аст. Раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҳуқуқи бо тартиби муайяншуда тасдиқ намудани васиятномахо, ваколатномаҳо, ба истиснои ваколатнома барои идора ва ихтиёрдории воситаҳои нақлиёт ва молу мулки ғайриманқул ва инчунин тасдиқи дурустии нусхаи ҳуҷҷат ва иқтибос аз онҳоро доранд. Инчунин ваколатнома ва васиятномаро дар мавридҳои истисноӣ сардорони муассисаҳои ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ, сардорони экспедитсияҳо командирони қисмҳои ҳарбӣ, капитанҳои киштӣ, сардухтурон ва дигар шахсоне, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудаанд, тасдиқ мекунанд ва чунин ҳуҷҷатҳо ба ҳуҷҷатҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар карда шудаанд. Мутобиқи қонун, шахсони мазкур барои бо тартиби муқарраршуда тасдиқ намудани ҳуҷҷат ва дар мӯҳлати муайян ба идораи нотариалӣ фиристодани як нусхаи васиятномаи тасдиққардаашон масъулият доранд.

**- Нотариати давлатӣ чӣ гуна амалиёт мегузаронад ва дар кадом ҳолат ин амалиёт ҳамчун асноди расмии давлатӣ эътироф мешавад?**

- Номгӯйи амалиёти нотариалие, ки нотариусҳои давлатӣ ҳуқуқи ба ҷой овардани онро доранд, пурра дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ба танзим дароварда шудааст. Агар сухан дар бораи тартиби ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ бошад, он гоҳ ҳангоми ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ аввал шахсияти нафар, намояндаи ӯ ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки барои ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиат намудаанд, муқаррар карда мешавад, инчунин қобили амали шахсони воқеӣ ва қобили ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ санҷида мешаванд. Амалиёти нотариалӣ пас аз пурра пардохт намудани боҷи давлатии пешбинишуда, зикр кардани навиштаҷоти тасдиққунанда ва аз мавриди дар феҳрист сабт намудан, баҷоованда ҳисобида мешавад.

**- Дар мавриди ба ҷой овардани амалиёти нотариалӣ пешниҳоди кадом ҳуҷҷатҳо заруранд ва андозаи боҷи давлатӣ, пардохти маблағ чӣ гуна муқаррар мешавад?**

- Дар мавриди ба ҷой овардани ҳар як амалиёти нотариалӣ пешниҳоди ҳуҷҷате (шиноснома), ки шахсиятро муайян мекунад, агар шахси ҳуқуқӣ бошад, инчунин ҳуҷҷатҳои таъсисии он ва ё агар намоянда муроҷиат намояд, ваколатнома пешниҳод карда мешавад.

Инчунин пешниҳоди РМА ҳатмӣ мебошад. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигар аз намуди амалиёти нотариалӣ вобаста мебошад. Андозаи боҷи давлатӣ мутобиқи Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» муқаррар карда мешавад, тартиби пардохти он дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи нотариати давлатӣ» танзим ёфтааст. Мувофиқи он, барои тасдиқи пардохти боҷи давлатӣ ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ (пардохтнома) пешниҳод мешавад.

**- Бисёр баҳсҳо ҳангоми додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият, масалан хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ба соҳибият додан ё рад кардани молу мулки ғайриманқул ба миён меоянд.**

**Манзили истиқоматӣ хариду фурӯш мешавад, аммо розигии аҳли оиларо ба инобат намегиранд. Аз ин сабаб парвандаҳои гражданӣ оид ба чунин масъалаҳо дар мақомоти судӣ муддати дароз ҳалли худро намеёбанд. Ҳангоми барасмиятдарорӣ дар чунин ҳолат дар қонунгузорӣ чӣ талабот пешбинӣ шудааст?**

- Амалиётҳои нотариалие, ки ба аз худ соқит намудани манзилҳои истиқоматӣ (хариду фурӯш, ҳадя, мубодила ва ғайра) вобастагӣ дорад, бо назардошти талаботи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ ба ҷой оварда мешавад. Яъне, молики манзили истиқоматӣ ҳуқуқ дорад мустақилона, мувофиқи салоҳдиди худ онро фурӯшад, шарти фурӯшро муайян кунад, ҳадя кунад, ба дигар ашхос мерос гузорад ва бо он мутобиқи тартиби дигари санадҳои қонунӣ муносибат кунад. Ҳама гуна муносибатҳо вобаста ба татбиқи ҳуқуқи молик, бо назардошти хусусияти муқаррарнамудаи Кодекси манзил танзим карда мешавад. Ҳолатҳое, ки бояд розигии аъзои оилаи соҳибмулк талаб карда мешавад, низ бо ин санадҳо муқаррар карда шудаанд . Ҳуқуқи аъзои оилаи соҳибмулк дар моддаи 588 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Мувофиқи он «шарти муҳими шартномаи фурӯши бинои истиқоматӣ, хона, қисми бинои истиқоматӣ, ё хонае, ки дар онҳо ашхосе зиндагӣ мекунанд, ки мутобиқи қонун ҳуқуқи истифодаи ин биноро баъди аз ҷониби харидор гирифтани он нигоҳ медоранд, номнависи ин ашхос бо зикри ҳуқуқҳои онҳо барои истифодаи бинои бафурӯшрасанда нишон дода мешавад». Мутобиқи банди 2 моддаи мазкур, шартномаи фурӯши бинои истиқоматӣ бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ бастașуда ба ҳисоб меравад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» соҳавӣ буда, инчунин вазифа ва принсипҳои фаъолияти нотариалӣ ва амалишавии ин фаъолиятро танзим менамояд.

Ташаккул ёфтани муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ зарурати муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба идораҳои нотариалӣ зиёдтар гардонидааст.

**- Боз кадом паҳлуҳои афзалиятноки қонуни мазкурро метавон нишон дод, то ҳар шахси корафтода аз он истифода карда тавонад?**

- Дар фаъолияти нотариалӣ амалиёти нав, ба монанди шартномаи ипотека, шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк, шартномаи пешакӣ, созишномаи ҳаққи дасткашӣ, аҳдномаи никоҳ, шартномаи фаъолияти якҷоя, созишномаи пардохти алимент ва чандин амалиёти дигар аз тарафи нотариусони давлатӣ ба ҷой оварда мешаванд.

Мутобиқи қонун нотариусҳои давлатӣ ӯҳдадор шудаанд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро аз оқибатҳои ҳуқуқии амалиёти нотариалии ба ҷой овардашаванда огоҳ намоянд, то ин ки надонистани оқибати ҳуқуқӣ бар зарари манфиатҳои онҳо истифода нашавад. Тавре дида мешавад, фаҳмонидани оқибатҳои ҳуҷҷате, ки тасдиқ карда мешавад, ҳуқуқи нотариус набуда, балки ӯҳдадории ӯст. Аз таҷрибаи судӣ бармеояд, ки дар аксар ҳолатҳо сабаби баҳсҳои бавуҷудомадаи манзилӣ худи тарафҳои аҳд мебошанд. Шаҳрвандон қабл аз бастани аҳд ҳатман бояд аз мутахассис маслиҳати ҳуқуқӣ гиранд, аз шартҳои шартномаи имзо мекардагиашон огоҳ шаванд, он чиро нафаҳманд, маънидод кардани онро талаб намоянд. Нотариусҳои давлатӣ омода ҳастанд ҳар гоҳ ройгон ба шаҳрвандон вобаста ба амалиётҳои нотариалӣ маслиҳати ҳуқуқӣ диҳанд. Агар шаҳрвандон ҳангоми ба ҷой овардани амалиётҳои нотариалӣ мақсадашонро пинҳон накарда ва танҳо дар асоси қонун амал кунанд, ҳалли баҳсҳои манзилии онҳо осон мегардад ё ин ки умуман баҳси судӣ кам мешавад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# НИГОҲЕ БА МАСЪАЛАҲОИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ДАВРАИ ПАСОШӮРАВӢ ДАР КИТОБИ ТОЗАНАШР

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон зикр карданд, ки дар натиҷаи татбиқи Стратегияи миллии рушд дар ин давра суботи иқтисодии мамлакат таъмин гардида, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар ба таври назаррас коҳиш дода шуд. Инчунин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 апрели соли 2012) омадааст, ки ҳаҷми даромадҳои аҳолӣ тадриҷан афзоиш ёфта, аз як миллиард сомонии соли 2000-ум то ба 16,2 миллиард сомонӣ дар соли 2011 расидааст, яъне даромадҳои аҳолӣ дар ин давра беш аз 16 баробар зиёд гардидаанд.

Ҳамин тавр, сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81 фоизи соли 1999-ум то 42 фоиз дар соли 2011 кам карда шуд.

Аз ин нуқтаи назар, дарки дурусти мафҳуми «камбизоатӣ» барои фаҳмиши қонунҳои иқтисодии давраи гузариш умуман, ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо дар иқтисоди миллӣ аҳамияти калон дорад, чунки камбизоатӣ аслан ҳодиса ва зуҳуроти хеле мураккаб ва печ дар печи раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, омӯзиш ва тадқиқу хулосабарорӣ дар самти камбизоатӣ зарурати дарки ин муамморо ба миён меорад.

Дар ин раванд нашри чоруми ҷамъбастии китоби «Камбизоатӣ ва роҳҳои раҳоӣ аз он», ки муаллифаш номзади илмҳои иқтисодӣ Тоҳир Мирзоев мебошад, саривақтӣ ва бениҳоят зарур аст. Интишори ин китоб аҳамияти илмӣ, амалӣ ва соҳавӣ дорад. Зикр кардан лозим аст, ки ин китоб қариб тамоми асосҳои заминавии камбизоатиро фарогир аст. Ин кори ба анҷом расонидашудаи илмию амалӣ барои масъулони соҳаҳои мақомоти давлатӣ, ғайридавлатӣ ва дар сатҳи маҳалҳо ҳамчун дастури корӣ ва дар раванди идораи самараноки ҳалли ин масъала мавриди истифода қарор дода шуда метавонад.

Дар китоби мазкур нисбат ба таҳқиқотчиёни ғарб, ки камбизоатиро ҳамчун натиҷаи рушди нокифояи неруҳои истеҳсолкунанда ва ҷараёнҳои табиии демографӣ таҳқиқ менамоянд, муаллиф ҳодисаи мазкурро натиҷаи бӯҳрони трансформатсионии бо шикасти иқтисодиёти фармонфармоӣ алоқаманд вобаста медонад. Муаллиф чунин ақида дорад, ки қисми асосии аҳолии камбизоати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000-ум нисбат ба аҳолии камбизоати мамлакатҳои дигари Осиё ва Африқо бо он фарқ мекард, ки онҳо аҳолии босавод ва тахассуснок буда, маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси касбӣ доштанд. Бояд тазаккур дод, ки чунин вазъият дар таърих бениҳоят кам вомехӯрад.

Аҳамияти ин китоб пеш аз ҳама барои омӯзгорони мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ хеле калон аст. Муаллиф дар ҳафт боб мантиқан паҳлуҳои гуногуни камбизоатиро оғоз аз сабабҳои пайдоиш, гурӯҳбандии омилҳои ба вуҷуд омадани он то пешниҳоди роҳҳои бартараф кардани ин зуҳурот дар марҳалаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ зери таҳқиқ қарор додааст.

Дар бобҳои аввали китоб ҷабҳаҳои назариявию методологии камбизоатӣ таҳқиқ шуда, он ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ–иқтисодӣ баррасӣ гардидааст, ки «аз тарафи одам мунтазам эҳсос намудани мӯҳтоҷӣ… ва бо имкониятҳои маҳдуди ба кор таъмин будан ва сатҳи пасти музди меҳнат вобаста…» мебошад. «Камбизоатии аҳолӣ, - менависад муаллиф,- характери истеҳсолӣ дорад, барои ҳамин истифодаи пурраи иқтидори иқтисодии кишвар ва рушди истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷа ва муҳими давлат мебошад. Бинобар ин, барои ҳалли масъалаи камбизоатӣ баланд бардоштани нақши ҳокимияти давлатӣ ва дар асоси ин ҳокимият истифода бурдани усулҳои пешқадамтарини роҳбарикунӣ ва танзим намудани ҷараёнҳои иқтисодӣ, хоҷагидорӣ, маъмурӣ, сиёсӣ ва ғайра зарур аст» (саҳ. 26-27). Дар китоб хеле бамаврид ва одилона иншо гардидааст, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ривоҷу равнақ ёфтани хоҷагидорӣ дар бахши хусусӣ бояд ҳаматарафа дастгирӣ ёбад, чунки имрӯз тақрибан нисфи маҷмӯи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ аз тарафи корхонаҳои ғайридавлатӣ истеҳсол карда мешавад ва ҳиссаи бахши хусусӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бошад, тақрибан 90 фоизро ташкил медиҳад.

Дар китоб ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва такмили низоми маориф боби махсус бахшида шудааст. Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки шуғли аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ масъалаи муҳими макроиқтисодӣ гардида, таъмини он аз омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, ривоҷу равнақ додани соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ вобаста аст. Алалхусус, масоили шуғли занҳо ва ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб намудани онҳо, инчунин инкишофи соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ баҳри ғанигардонии бозори дохилӣ боиси дастгирист. Дар самти рушди маориф муаллиф кӯшиш намудааст, ки бурду бохт ва пешравиҳои соҳаи маорифро аз нигоҳи таъминоти моддию техникӣ, кадрию коммуникатсионӣ баррасӣ намояд. Мавқеи донишандӯзӣ ва касбомӯзиро муаллиф омили пешрафти ҷомеа ҳисобида, дигаргуниҳои куллиро дар ин самт бо факту рақамҳои мушаххаси омори расмӣ асоснок кардааст.

Дар боби алоҳидаи китоб ҷанбаҳои молиявӣ-қарзӣ ва сармоягузории стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар ин самт шароитҳои молиявии аҳолиро бо саҳми фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намуда, дар баробари ин сарфакорона истифода бурдани маблағҳои давлатиро ҳамчун омили муҳими ҳалли масъала баррасӣ намудааст. Шаффоф ва ҳаматарафа муҳокима ва баррасӣ намудани лоиҳаи буҷети давлатӣ аз тарафи муаллиф ҳамчун заминаи муҳим ва таъсирбахш дар тамоми ҳолатҳои ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин нуқтаи назар, алоқамандии фаъолияти соҳибкорӣ ва даромадҳои аҳолӣ бо сохторҳои бонкию молиявӣ таъкид шудааст. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки дарёфти сарчашмаҳои сармоягузорӣ, дастгирию ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон шарти муҳимтарини паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар ба муаллиф имконият додааст, ки стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро дар ҳамбастагии зич бо сиёсати пешгирифтаи иқтисодию иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Ҳамин тариқ, китоби мазкур фарогири масоили сабабу омилҳои сар задан ва афзоиши сатҳи камбизоатӣ ва роҳҳои раҳоӣ ёфтан аз ин зуҳурот аст. Дар ин самт диққати хонанда бо тарафҳои то ҳол омӯхтанашудаи назариявию услубӣ, меъёрҳои ченкунии камбизоатӣ ҷалб шудааст. Баррасии омилҳои иқтисодӣ бо ташаккулёбии механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун заминаи асосии паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар падидаи хуб аст. Бо ин васила ақидаҳои муаллиф доираи васеи хонандагонро баҳри устувор гардонидани «тафаккури иқтисодӣ»-ашон водор месозад, ки барои рушди ҷомеа аҳамияти хоса дорад.

***Бег ҚУРБОНОВ,***
***Лутфулло САИДМУРОДОВ,***
***вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Таассуроти сафар

# САМАРАИ НЕКИ ҲАМКОРӢ

Воқеан ҳам имрӯз ҳамкориҳои дӯстонаи ду давлати бо ҳам ҳамсоя – Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Хитой дар пояи хеле баланду мустаҳкам қарор дорад ва ҳамвора густариши тоза пайдо мекунад.

Чанде пеш як гурӯҳ мутахассисони варзидаи соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Халқии Хитой бо роҳбарии Ян И-директори маркази робитаҳои байналмиллалии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Хатлонзамин ташриф оварда буданд. Онҳо аз ноҳияҳои Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ёвон дидан намуда, мехостанд ҳангоми ин сафар мавзеи сохтмони Маркази намунавии маҳсулоти кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, корхонаҳои коркарди тухмӣ, гармхонаҳо, минтақаҳои махсуси тухмипарварӣ бунёд намоянд. Ҳамчунин тухмиҳои босифати пахта, ҷуворимаккаю шолиро ба ҷумҳурии мо ворид намоянд.

Боиси қаноатмандист, ки бо ширкати тухмипарварии «Сзинян Инхай»-и минтақаи Хэноми Ҷумҳурии Халқии Хитой барои солҳои 2011-2012 шартномаҳои дарозмуддати ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Тибқи ин шартномаҳо, дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Румӣ ва Ёвони вилояти Хатлон барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо технологияи ҳозиразамон аз ҳисоби заминҳои фонди махсус майдони 298 гектар замин ҷудо шуд. Ҳамчунин ширкати мазкур ӯҳдадор шудааст, ки 17 км каналу заҳбурҳоро дар ин минтақаҳо тоза намояд.

Соли гузашта ширкати «Хай Лӣ»-и ноҳияи Синзян-Уйғури ин кишвар дар майдони 50 гектар шолӣ парвариш намуд ва аз ҳар як гектар 50 сентнерӣ ҳосил ба даст овард. Соли ҷорӣ онҳо майдони шолизорро дар вилояти Хатлон ба 150 гектар расониданианд.Боиси хушнудист, ки бо таҷрибаи онҳо шолипарварони тоҷик низ ошно гардида, онро дар амал татбиқ менамоянд.

Бо мақсади омӯхтани таҷрибаи пешқадами кишоварзони Ҷумҳурии Халқии Хитой як гурӯҳ мутахассисони тоҷик ба ин кишвари пешрафта сафар намуданд.

Сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон Саъдулло Бекназаров таассуроти сафари худро зимни сӯҳбат ба хабарнигоронамон аз ҷумла чунин иброз намуд:

- Дар ҳайати корӣ ҷонишини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Султонноёбов, сардори Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аббосхӯҷа Яҳёхӯҷаев, ёвари вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Тошматов, сардори Корхонаи воҳиди давлатии «Мадад» Хайрулло Худойбердиев ва мусоҳиби шумо шомил будем.

Қаблан ҳайати гурӯҳро муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Халқии Хитой Ню Дун қабул намуд. Дар мулоқот масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ, зироаткорӣ, чорводорӣ ва истифодаи техникаи муосир ҳангоми истеҳсолу коркарди маҳсулот мавриди мубодилаи тарафайн қарор дода шуд, ки натиҷаҳои он дар ҳуҷҷати ба имзо расонидаи муовинони вазири кишоварзии ҳар ду мамлакат инъикос ёфтанд. Зимни сафар ҳайати гурӯҳ бо кору фаъолияти кишоварзони шаҳру ноҳияҳои наздики атрофи Пекин шинос гардид. Маълум гардид,ки дар гирду атрофи шаҳри Пекин дар майдони зиёда аз 60 ҳазор гектар гармхонаҳои доимӣ фаъолияткунанда мавҷуданд. Онҳо, сарфи назар аз фаслҳои сол, шаҳри дорои 12 миллион нафараш Пекинро пайваста бо сабзавоти тару тоза таъмин менамоянд.

Ҳангоми мулоқот бо иҷоракорони хоҷагиҳои кооперативию истеҳсолӣ айён гардид, ки ҳар як иҷоракори сабзавотпарвар соҳиби гармхона буда дар он танҳо як намуди сабзавот, аз қабили помидор, бодиринг, қаламфур парвариш меёбад. Мо мушоҳида намудем, ки ҳатто як ваҷаб замин аз ниҳол холӣ нест. Онҳо то нисфирӯзӣ маҳсулоти тару тозаро ғундошта, дар нимаи дуюми рӯз онро бастабандию коркард худи ҳамон рӯз ба ошхонаю тарабхонаҳои шаҳри Пекин маҳсулоти тару тоза фиристода мешавад. Ба суратҳисоби кооперативи истеҳсолӣ худи ҳамон рӯз маблағи маҳсулот бо нархи бозорӣ ворид мегардад. Музди меҳнати моҳонаи иҷоракорон зиёда аз 6 ҳазор юан, яъне на камтар аз 1000 доллари америкоиро, ташкил медиҳад.

Ҳангоми бо боғҳои зардолу, шафтолу, нок, себ, гелос шинос шудан маълум гардид, ки ҳар як иҷоракор дар майдони ду гектар танҳо як намуди ниҳолҳои мевадиҳандаро парвариш менамояд. Замини боғ яклухту ҳамвор буда, қади ниҳоли мевадиҳанда баробар бо қади одам аст. Иҷоракор коркарди заминро ба воситаи техника ба анҷом мерасонад. Дигар намуди коркарди боғ, аз ҷумла ба шаклдарории ниҳол, ҳосилгундорӣ дастӣ сурат мегиранд. Фурӯши мева дар асоси шартномаи тарафайн миёни иҷоракору соҳибкор ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Чанҷови музофоти Хэнан мо бо кору фаъолияти корхонаҳои коркарди тухмии ғалладонагиҳо, аз ҷумла тухми ҷуворимакка, шинос гардидем. Боиси хушнудист,ки соли равон аллакай тухмии ҷуворимаккаи дони истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой дар вилояти Хатлон ба тариқи таҷриба мавриди парвариш қарор гирифта буд. Ҳангоми дар ин шаҳр будан мо бо олимони соҳаи кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Чанҷов мулоқот намудем. Дар қитъаи таҷрибавию истеҳсолии академия бодиринг, помидор, карам, шалғам, турб, кабудиҳо дар шароити гармхона нигоҳубин мешавад. Ҳайратовар он буд, ки дар ин ҷо парвариши зироатҳои полезӣ, аз қабили харбузаю тарбуз, дар гармхонаҳо ба роҳ монда шудааст. Аҷоиб боз он буд, ки полезиҳоро дар замин корида, дар баландии 1,5 метр аз болои он дар гидрополикҳо пиёз, помидор, бодиринг парвариш менамоянд ва ҳосили баланд мерӯёнанд.

Ҳамчунин дар қитъаи илмию таҷрибавии академия бодиринг, помидор, пиёз, шалғам ва дигар намуди сабзавотро дар замин нею дар об парвариш мекунанд. Яъне, зироатро дар гидрополикҳо мекоранд, аз болои гидрополикҳо бошад, фанерҳо мегузоранд. Тавре мушоҳида кардем, решаи зироат дар дохили об ва буттаи он дар болои фанер ҷой гирифтааст. Ҳамаи ғизоҳои заруриро ба воситаи ҳамроҳ кардан дар об ба зироат медиҳанд. Аз ин усули парвариш низ онҳо ҳосили баланд ба каф меоранд.

Ҷолиби зикр аст, ки кишоварзони хитойӣ ҳангоми кишти зироат, чӣ дар саҳро ва чӣ дар гармхонаҳо, истифодаи оби қатрагиро ба роҳ мондаанд. Ҳар кадом намуди тухмӣ то аз назорати олимони академия нагузарад, дар истеҳсолот мавриди истифода қарор намегирад. Соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат нақши муҳим мебозад.

Обу ҳавои ин кишвар бо иқлими мо басо наздик аст. Меҳнатдӯстию заҳматписандӣ хоси ҳам мардуми тоҷик ва ҳам мардуми Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошад. Аз ин рӯ, бовар дорем, ки дастоварду навгониҳои бахши кишоварзӣ дар Тоҷикистон минбаъд татбиқ меёбанд. Ин барои амалӣ гардидани барномаи озуқавории мамлакат басо муҳим аст.

***Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»***

# СОҲА РУШД МЕЁБАД

Ноҳияи Мурғоб дурдасттарин минтақаи Тоҷикистон аст. Хушбахтона, имрӯз дар ин ҷо барои рушди самтҳои гуногуни соҳаҳо, алалхусус ҳифзу табобати сокинон, тамоми шароит муҳайё шудааст. Дар беморхонаи марказӣ шӯъбаҳои ҷарроҳӣ, амрози дохила, кӯдакона, таваллудхона, бемориҳои сироятӣ фаъолият доранд.

Беморхонаи марказӣ дорои 80 кат буда, дар ин ҷо на танҳо эҳтиёҷмандони маркази ноҳия, балки аҳолии ҷамоатҳои деҳоти Рангкӯл, Тохтамиш, Каракул, Булункул низ табобат мегиранд.

Зикр бояд кард, ки бо фароҳам овардани шароит дар беморхонаи марказӣ мушкилоти мавҷуда аз миён бардошта шуд. Агарчӣ, солҳои пеш барои пешгирии бемориҳои гуногун сокинони ин минтақаи дур ба табобатхонаҳои маркази вилоят - шаҳри Хоруғ муроҷиат менамуданд. Акнун ин мушкилот комилан аз миён бардошта шудааст.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шӯъбаҳои беморхонаи марказӣ бо таҷҳизоти нави замонавӣ муҷаҳҳаз шуда, акнун эҳтиёҷмандон метавонанд дар ин ҷо саломатии худро барқарор намоянд. Тамоми муассисаҳои табобатии ноҳияи Мурғоб аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шабакаҳои Бунёди Оғохон ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, таъмини табобатгоҳҳо бо кадрҳо низ то андозае ҳалли худро пайдо намудааст. Ба ҷузъ аз беморхонаи марказӣ, дар ноҳияи Мурғоб панҷ беморхонаи минтақавӣ, ҳафт бунгоҳи тиббӣ дар хизмати сокинони ин ҷо қарор доранд.

Беморхонаҳои минтақавӣ бо мошинҳои «Ёрии таъҷилӣ» таъмин буда, соли гузашта барои беҳдошти ҳифзу сиҳатии аҳолии ноҳия аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зиёда аз 200 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида буд. Аксар беморхонаҳои минтақавӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доруворӣ ва таҷҳизоти гармидиҳӣ таъмин шудаанд.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

# МАРЗБОНОН ҒОЛИБ ОМАДАНД

Бо мақсади рушди варзиш дар байни хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиби тарзи ҳаёти солим ва бахшида ба Рӯзи сарҳадчиён дар варзишгоҳи «Зебунисо»-и пойтахт мусобиқаи футбол барои ҷоизаи Ҷоми фармондеҳи Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар мусобиқа 16 дастаи сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ барои ба даст овардани Ҷоми фармондеҳи Кӯшунҳои сарҳадӣ қуваозмӣ намуданд.

Баъди анҷоми мусобиқа маросими супоридани Ҷоми фармондеҳи Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҷомро фармондеҳи Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенант Шералӣ Мирзо ба дастаи футболи Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сазовори ҷойи аввал гардиданд, супорид. Ҷойҳои дуюмро дастаи футболи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сеюмро дастаи футболи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарафёб гардиданд.

Инчунин ба ҳимоятгар, дарвозабон ва ҳамлагари беҳтарин тӯҳфаҳо тақдим гардид.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

● Мусоҳибаи сарироҳӣ

# МАҚСАДИ МО ДИДАНИ ОЛАМУ ОДАМ АСТ,

## -мегӯянд гурӯҳи сайёҳон аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

***6-уми майи соли равон аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гурӯҳе аз дӯстдорони сайру саёҳат дар ҳайати 8 нафар, бо мақсади дидани оламу одам, ҷойҳои таърихӣ ва муқаддас, ба сафари тӯлонии ҷумҳурии азизамон- Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои Шарқи Наздик баромаданд. Мухбирамон бо онҳо воҳӯрда, роҷеъ ба ин шуғли писандидаи ҳама давру замони мардумони кишварҳои мутамаддин, сӯҳбат намуд.***

**- Мувофиқи матлаб мебуд, агар ҳар кадоме худро ба хонандагони мо муаррифӣ карда, аз мақсади ин сафари дуру дарози ихтиёркардаатон ибрози назар менамудед.**

- Ман сокини хоҷагии Тӯрдиев Азизулло Раҷабов, соли таваллудам 1948, роҳбарии ин гурӯҳи сафариро дар ихтиёр дорам. Маротибаи сеюм аст, ки ба сафар мебароям.Дафъаи аввал ба воситаи автомобил сафари Ҳаҷ намудам. Маротибаи дуюм солҳои 2005-2006 тавассути шаҳри Москва, бо як гурӯҳ шаҳрвандони ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо ҳамин шакл, яъне пиёда ба сафар баромада, дидани қисмати зиёди Федератсияи Россия ва як қатор давлатҳои Шарқи Наздик насибам гардид.Маҳз натиҷаи ҳамин сафари дуру дароз буд, ки ба ман имкони ворид шудан ба хонаи Худо пайдо гардид. Тӯли он солҳо ман 16 ҳазор километр роҳро пиёда тай намуда, дар рӯзи таҷлили 2700 -солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ба Ватани азиз баргашта, бо аҳли байту ақрабои хеш дар он ҷашнвораи муборак ширкат намудам.

- Ман Амриддин Исмоилов, сокини хоҷагии ба номи Одина Ҳошимов, соли таваллудам 1952 буда, солҳои зиёд дар мактабҳои ноҳия муаллими варзиш будам. Соҳиби як қатор унвонҳои варзишӣ ва Аълочии маориф ҳастам. Аз наздик дидани оламу одам орзуи деринаи ман аст. Шукри истиқлолият мекунам, ки акнун орзуям дар арафаи ҷомаи амал пӯшидан аст.

Шароити ноҳияи мо ҳамчун ноҳияи наздисарҳадӣ ба ҳама маълум буд. Ҳатто дар ҳамон айёми гаштугузори озод низ мушкилӣ пеш меомад ва бо ҳамин иллат хешу табори қарин ҳам ба дидорбинӣ хеле кам меомаданд. Бо шарофати Истиқлолият ва сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон, ноҳияи мо номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, яъне номи ҳамон абармардеро гирифт, ки дар баробари мутафаккири бузурги замон будан, аз ҷумлаи шинохтатарин ҷаҳонгарди асри хеш маҳсуб мешуд. Ба ёд биёред, ӯ ҳангоми сафари нахустини худ аз Ҳамадон 700 нафар шогирдону пайравони хешро ҳамроҳ гирифта буд. Мо, албатта, дар ин сафар ба шаҳри Ҳамадон низ меравем ва аз зодгоҳи ин бузургмарди шефтаи сарзамини Хатлон дидан мекунем. Бинед, ки ин мутафаккири шинохтаи замон, ҳангоми сафари навбатӣ дар сарзамини имрӯзаи Покистон ҷаҳонро падруд гуфт ва бинобар васияташ ӯро шогирдонаш ба Хатлон оварданд.

- Ман Мираҳмад Маҳмадиев, соли таваллудам 1958, сокини деҳаи Оқмазор. Дар бозори марказии ноҳия ба тиҷорат машғул ҳастам.

Чанд сол боз орзуи пиёда сафар кардан дорам ва мехоҳам тавассути он ҷойҳои таърихию муқаддаси Тоҷикистон ва кишварҳои дуру наздикро, то расидан ба хонаи Худо, тамошо намоям. Хуб медонам, ки пойи пиёда сафар кардан амали осон нест.Барои расидан ба ин мақсади нек се-чор сол инҷониб ҳамаҷониба омодагӣ дидам.

- Ман Назар Дӯстмуродов, соли таваллудам 1958, сокини хоҷагии Тӯрдиев, ихтисосам-муаллими забони русӣ. Солҳои охир сарварии хоҷагии деҳқониро ба ӯҳда дорам.

Мо, тоҷикон, як мақол дорем: ҷаҳонгашта бошу ҷаҳонхӯрда не. Ин ҳикмати мардумӣ ҷойи баҳс надорад. Замоне ки дар мактаби миёнаву олӣ таҳсил мекардем, бештар устодон ва баъдтар худамон оид ба ҳамон сафарҳои шоири номбардори миллат устод Мирзо Турсунзода ҳарф мезаданду мезанем ва аз ин ифтихор ҳам мекардем. Гумон мекунам, ки ин талқини устодон, дар қалбҳои кӯчаки шогирдон бетаъсир намонд. Ин ҷо гуфтан бамаврид аст, ки на ҳар кас он замон мисли устод Турсунзода имкони ба ҳар кишвар сафар кардан дошт. Ҳоло сад шукри Истиқлолияти Ватанро мекунем, ки ин шароиту имконро ба ҳар як шаҳрванд фароҳам овардааст.

Рӯзи дуюми сафар ҳасту ман аз тангназарии баъзе масъулони ноҳияву сокинони он таассуф мехӯрам.Рӯзи ба сафар баромадан дар маркази ноҳия ба хотири як нафар аъзои гурӯҳи мо - Шайдулло Исоев, мусобиқаи варзишӣ аз рӯйи намуди дав, дар сатҳи минтақаву вилоят баргузор гардид. Роҳбарони ноҳия он ҷо ҳузур доштанд, ва мо хуб мушоҳида намудем, ки онҳо нисбати гурӯҳи мо хеле бетафовутанд. Ҳатто ҳамон иборае «роҳи сафед»-ро ҳам аз мо дареғ доштанд. Баъзе ҳозирин ва гуселкунандагони дигар бошанд, аъзои гурӯҳи сафарии моро бо нигоҳҳои сарду тамасхуромези худ, ба соддагию камаандешагӣ маломат карданӣ мешуданд...

- Сокини шаҳраки Маскав Абдураҳим Ҳабибов ҳастам, 63 сол умр дорам ва дар бозори марказии ноҳия ба фурӯши тухми маҳсулоти кишоварзӣ машғулам.

Мехоҳам дар шахси худ, ҳамчун як фарди оддии Тоҷикистони азиз, нишон диҳам, ки мо -тоҷикон соҳиби маданияту фарҳанги қадимаи азалӣ ҳастем. Ба андешаи ман, ба ҳар шахси комил дидани манзараҳои сарзамини худ, ёдгориҳои таърихию мадании он, маконҳои муқаддас ва дар ин радиф дидани кишварҳои дигар шарт ва зарур аст.Мехоҳам ин ҷо аз мӯҳтавои як ҳикмати мардумӣ ёдовар шавам, ки гуфтаанд: Ба як тир ду нишон задан. Магар бад аст, ки баробари дидани як қисмати дунё, боз ройгон Хонаи Худоро зиёрат карда, ҳамон як фарзи мусулмонро адо намоем.

- Сангаки Абдуқодир, соли таваллудам 1992, сокини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ мебошам. Ба роҳбари гурӯҳ ҷиян мешавам. Қиссаҳои аҷибу мароқовари сафари шаш сол пеш доштаи тағоям маро ба ин сафар ҳидоят намуд. Бовар дорам, ки ба мушкилиҳои сафар тоб оварда метавонам.

**- Дар рӯйхати гурӯҳ 9 нафар сабти ном шудааст, вале шумо алҳол 6 нафар ҳастед. Миёни гурӯҳ Сайвалӣ Мавлавиев, Шайдулло Исоеви 75- солаҳо ва Мирзохон Ёқубови 55 -соларо намебинам. Ё аллакай онҳо аз раъйшон гаштаанд?**

- Азизулло Раҷабов: -Сайвалӣ Мавлавиев, ки сокини деҳаи Дашти Ҷуми ноҳияи Шӯрообод аст, ба шаҳри Кӯлоб-барои зиёрати мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рафт. Шайдулло Исоев бошад, мақсади дар шаҳри Душанбе ба гурӯҳ ҳамроҳ шудан дорад. Мутаассифона, умр дар арафаи сафар ба Мирзохон Ёқубови ховалингӣ вафо накард.- Шодравон ба ин сафар хеле омодагии ҷиддӣ гирифта, аз 110 кило вазни доштаи худ, тавассути тамрину омодагиҳо 15-20 килои онро кам карда буд.

**- Мебинам, ки дар асоҳои сафарӣ ва ё дарвешонаи ҳар нафаратон Парчами Тоҷикистон насб шудааст ва дар ҷайби берунии халтаи сафаратон парчамҳои зиёди гуногунрангаро мебинам...**

-Мо асоҳои сафарии худро аз дарахти ирғай интихоб намудем. Дар қисмати поёнии он оҳани сахти нӯгтез ва дар қисмати болои он, тавре шумо ишора намудед, Парчами Ватани азизамон насб шудааст.Ин гуна шакл гирифтани асоҳои сафарии мо, қабл аз ҳама нишонаи ифтихор ва неру аст. Тавассути ин чӯби сахт, бахусус ба воситаи қисмати поёни он, мо метавонем худро дар ҷойҳои камодаму хатарзо, аз рух додани ҳодисаҳои тасодуфӣ ҳимоя намоем.

Ин парчамҳои ранга парчамҳои он давлатҳое ҳастанд, ки бояд мо мувофиқи нақша онҳоро убур намуда, ба нуқтаи ниҳоӣ равем.

**- Дар анҷоми сӯҳбат кӣ чӣ гуфтанӣ дорад?**

-Азизулло Раҷабов: Бо ҳар касе, ки имрӯз хайрухуш мекунем, аз мо ба ин тариқ хоҳиш мекунад: Ҳоҷӣ, ба ҳар макони муқаддасе, ки расед, дар ҳаққи мо ҳам дуо карданро фаромӯш накунед. Мо бошем, ҳар кадом пеши худ қавл додаем, ки дар ҳама макони муқаддас дар ҳаққи Тоҷикистони азиз дуои хайр гуфта, аз Худованд таманно мекунем, ки ин сарзамин ҳамеша ободу шукуфон ва тинҷу амон бошад.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***




## Ҷорӣ намудани технологияи муосир ба нафъи кор аст

**ДУШАНБЕ. (Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи касабаи кормандони соҳаи бофандагӣ ва саноати сабуки Тоҷикистон ва ташаббуси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар биноси Китобхонаи миллии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ Намоишгоҳи байналмилалии саноати сабуки «Интерлегпром-2012» доир гардид.

Дар он 28 корхонаву ширкати ватанӣ аз шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ширкат варзиданд.

Дар намоишгоҳ технологияву таҷҳизот барои саноати сабуку корхонаҳои бофандагӣ, таҷҳизоти коркарди нахи пахта, чарм, абрешим, рангҳои молиданӣ, воситаҳои кимиёвӣ, матоъҳои гуногун, ришта, сарулибос, мебел барои хонаву идора, намунаҳои ҷиҳози бандубаст ва нишонагузорӣ ба маъраз гузошта шуд.

Намоишгоҳи байналмилалии саноати сабуки «Интерлегпром-2012» соли шашум аст, ки дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад.

## Масъулини кумита бо имомхатибон мулоқот карданд

**РӮДАКӢ. (Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»)** Дар толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ воҳӯрии масъулини Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имомхатибони масҷидҳои ҷомеи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор ва Рӯдакӣ баргузор гардид. Дар мулоқот намояндагони Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакатро муфассал шарҳ доданд. Баромадкунандагон бештар атрофи мақсаду мароми қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ибрози назар намуда, риояи онҳоро яке аз омилҳои асосии рушду инкишофи ҷомеа маънидод карданд.

## Машварат оид ба маъракаи алафдаравӣ

**ТЕМУРМАЛИК. ( Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик дар хоҷагии зоотпарварии деҳоти «Кангурт» семинари омӯзишӣ оид ба захира намудани хӯроки чорво аз ҳисоби алафҳои табиӣ баргузор гардид. Ба кори семинар роҳбарони хоҷагиҳои давлатию ғайридавлатӣ ва мутахассисони соҳа даъватӣ буданд. Дар ҷараёни семинар якчанд техникаву таҷҳизоти ба кори алафдаравӣ мансуб ба намоиш гузошта, тарзи истифодаи онҳо манзури иштирокдорон гардонида шуд.

- Мо мақсад дорем, ки маъракаи имсолаи алафдаравиро ба ҳашари умуминоҳиявӣ табдил дода, мардумро ҳар чӣ бештар ба ин чорабинии манфиатовар сафарбар намоем, то ба ин васила барои ду - се соли оянда хӯроки дурушти чорво захира намоем,- гуфт сардори Раёсати кишоварзии ноҳия Абдулҳақ Давлатов.

## Раиси вилоят хостори мулоқоти озоду ошкоро аст

**СУҒД. ( Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар доираи чорабиниҳои «Як моҳи ҷавонӣ» бино ба иттилои Хадамоти иттилоотии раиси вилояти Суғд, мулоқоти раиси вилоят Қоҳир Расулзода бо донишҷӯён ва аспирантони фаъоли донишгоҳҳову омӯзишгоҳҳои вилоят доир шуд. Бояд зикр кард, ки соли гузашта миқдори гирандагони стипендияи раиси вилояти Суғд ба 40 нафар ва андозаи он ба 60 сомонӣ баробар буд. Соли гузашта Қоҳир Расулзода зимни мулоқоташ бо устодон ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳҳои вилоят дастур дод, ки миқдори гирандагони стипендия ба 100 нафар ва маблағи он то ба 100 сомонӣ расонида шавад. Раиси вилоят аз таваҷҷуҳи Давлату Ҳукумат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои дастгирии ҷавонони соҳибилму боистеъдод ҳарф зада, аз комёбиҳои толибилмони вилоят ёдовар шуд.

Дар ин замина аз ҷониби раиси вилоят пешниҳод шуд, ки бо мақсади робитаи наздики ҷавонони соҳибилм бо роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, васеъ намудани доираи дониш ва ҷаҳонбинии сиёсии онҳо ҳар сол минбаъд як маротиба воҳӯрии озоду ошкорои раиси вилоят бо гирандагони стипендия доир шавад.

## Кӯдакони маъюбро ҳар чӣ бештар ба ғамхорӣ фаро мегиранд

**ИСТАРАВШАН. ( Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Истаравшан бо ибтикори роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маркази солимгардонии кӯдакони маъюб аз оилаҳои камбизоат арзи вуҷуд кард. Маркази мазкур дар назди осоишгоҳи «Ӯротеппа» ҷойгир буда, барои 100 нафар кӯдакон пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин дар деҳаи «Сӯфӣ Ориф»-и шаҳр маркази солимгардонии дигар низ ба фаъолият оғоз кард. Раиси шаҳри Истаравшан Иброҳим Абдуллоев ба хонаи кӯдакон рафта, онҳоро бо ин рӯзи хурсандӣ табрик намуда, бо тӯҳфаҳо сарфароз гардонид.

## Мирсаид Миршакар 100-сола мешавад

**ХОРУҒ. (Шоҳтолиб ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Соли равон 100- солагии яке аз шоирони шинохтаи кишвар, ходими ҷамъиятӣ, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаҳои давлатии СССР ва Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирсаид Миршакар таҷлил мегардад.

Бахшида ба ин сана дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12-уми ба номи охон Сулаймон Қурбонмамадови шаҳри Хоруғ чорабинии адабӣ барпо шуд. Толибилмон аз эҷодиёти пурғановати ин марди сухан, ки мӯҳтавои асосии осораш аз мавзӯъҳои гуногуни бахшида ба наврасону кӯдакон иборат буд, порчаҳои шеърӣ қироат карданд.

Саҳначаҳои гуногун, ки аз ашъори шоир маншаъ мегирифтанд, бо иштироки дастпарварони мактаб ва барномаи фарҳангии онҳо ба чорабинӣ шукӯҳи хоса зам намуд.

## Муассисаҳои томактабиро таъмир мекунанд

**ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Бо иқдоми Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ аз нав ба таъмиру тармими муассисаҳои томактабӣ рӯй оварданд. Аввалин шуда, дар муассисаҳои томактабии маркази ноҳия ва Ҷамоати деҳоти Гулистон ба таъмиру тармими муассисаҳои томактабӣ шурӯъ намуданд. Ин иқдом дар ҳудуди дигар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия низ амалӣ мегардад. Роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия баробари дубора эҳё намудани муассисаҳои томактабии аз фаъолият бозмонда ба бунёди боғчаю кӯдакистонҳои нав низ рӯй овардаанист. Ин иқдом дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ рӯйи кор хоҳад омад.

## Озмун-намоиш доир гардид

**ЧКАЛОВ. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Чкалов озмун- намоиши минтақавии сеюми «Технологияи сарфаҷӯёнаи энергия ва истифодаи захираҳо» баргузор гардид, ки дар он 47 корхона, соҳибкорони инфиродӣ аз тамоми қаламрави мамлакат, инчунин аз Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намуданд.

Ҷойи аввал насиби ҶДММ «Сайқал»-и шаҳри Қайроққум гардид. Намояндагони Ҷумҳурии Қирғизистон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров низ мақоми ифтихориро соҳиб гаштанд.

Бо ғолибон тӯҳфаҳои арзанда – ноутбук, видеокамера, велосипед тақдим шуд.

**Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум».**
**Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91**

●Уфуқҳои иқтисод

# МАҲБУБИЯТ САМАРАИ МЕҲНАТИ ПУРМАҲСУЛ АСТ

**Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ҷиргатол бо пешниҳоди хизматрасонӣ дар сатҳу сифати баланд дар ободии ин гӯшаи дурдасти кӯҳистони мамлакат саҳмгузор аст**



Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди минтақаҳои дурдасти кӯҳистон аҳамияти хоса зоҳир намуда, барои вусъат бахшидани ин раванд аз имкониятҳо самаранок истифода менамояд. Табиист, ки густариши бунёдкориву созандагиро бе манбаъҳои маблағгузорӣ таъмин намудан ғайриимкон аст. Дар баробари маблағҳое, ки аз буҷети давлат барои рушди ин минтақаҳо ҷудо мегарданд, маблағҳое, ки аз ҷониби филиалҳои бонкҳои мамлакат ба сокинони он ба сифати қарз пешниҳод мешавад, баҳри вусъат ёфтани ободкорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва бахши кишоварзӣ кӯмаки амалӣ мерасонад. Тибқи маълумот, аз соли 2005 инҷониб барои дастгирии рушди минтақаҳои кӯҳистон барномаи махсуси қарздиҳии хурд оғоз гардида, дар маҳалҳои кӯҳистон маблағи умумии он дар ин давра зиёда аз 2,3 миллиард сомониро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ, тӯли даҳ соли охир қарздиҳии хурд дар ҷумҳурӣ беш аз 100 баробар афзудааст. Бешубҳа, саҳми филиалҳои бонкҳои мамлакат дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон дар ин самт муассир аст.

Зимни сафари хидматӣ ба ноҳияи Ҷиргатол ва сӯҳбат бо масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва сокинони ин маҳал маълум гардид, ки филиали ҶСК «Агроинвестбонк» бо пешниҳоди хизматрасонии олидараҷа аз маҳбубияти хосаи мардуми ноҳия бархӯрдор аст.

Сарварии филиали мазкурро мутахассиси масъулиятшиносу чашмикордон Раҷабалӣ Юнусов ба зимма дорад. Дар оғози сӯҳбат номбурда аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар шуда афзуд, ки кормандони филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи дурдасти Ҷиргатол ин ҳуҷҷати муҳимро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, баҳри дар амал татбиқ намудани нуктаҳои ба раванди фаъолияташон рабтдошта аз имкониятҳо самаранок истифода менамоянд. Мо айни замон кӯшишу ғайрати хешро баҳри сари вақт иҷро намудани дастури Сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, бобати он ки Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк», бонкҳои саҳомӣ, ташкилоту сохторҳои маблағгузории хурд қарздиҳиро ба фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва занони соҳибкор афзоиш дода, дар давраи миёнамӯҳлат ҳамасола на камтар аз 20 фоиз зиёд намудани маблағгузории соҳаҳои истеҳсолиро таъмин намоянд», равона кардаем, -мегӯяд Раҷабалӣ Юнусов.

-Ҳамзамон, бо дастгирии Раиси раёсати бонк, мӯҳтарам Фаррух Тағоймуродов баҳри дастрасии шаҳрвандон ба номгӯйи васеи хизматрасониҳои бонкӣ дар филиал шароит фароҳам шуда, шумораи мизоҷони мо рӯз то рӯз зиёд мешаванд. Бо ифтихор бояд зикр намуд, ки айни замон аз рӯйи нишондиҳандаҳо дар ҳама бахшҳо мо миёни филиалҳои бонкҳо дар ноҳия мақоми аввалро соҳиб мебошем.

Ба қавли Раҷабалӣ Юнусов, дастоварди мазкур пеш аз ҳама дар заминаи зиёд гаштани сандуқи қарзии филиал ба даст омадааст. Ҳаҷми сандуқи қарзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта 585 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, айни замон 1 миллиону 431 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ноҳияи Ҷиргатол ҳанӯз замони Шӯравӣ аз ноҳияи калонтарини картошкапарварӣ маҳсуб ёфта, иқлими он барои парвариши картошка хеле созгор аст. Мутаассифона, тайи солҳои охир ин соҳа дар ноҳия рӯ ба таназзул ниҳода, ҳаҷми истеҳсоли картошка хеле коҳиш ёфта буд. Маҳз дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳи ӯ боис гардид, ки парвариши картошка дар ноҳия ривоҷ ёбад. Бо мақсади саҳмгузорӣ дар ин кор филиали бонк фаъолияти хешро дар самти пешниҳоди қарз ба картошкакорон густариш бахшида, дар ҳамдастӣ бо мутахассисони Саридораи бонк ва машваратчиёни лоиҳаи ТАФФ корро шабонарӯзӣ ба роҳ монд. Ҷоиз ба зикр аст, ки лоиҳаи ТАФФ аз ҷониби ҶСК «Агроинвестбонк» бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ мешавад ва ба таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст. Ҳоло марҳилаи дуюми лоиҳаи фавқуззикр ҷараён дошта, марҳилаи аввали он хеле пештар бо сифати баланд амалӣ гардида буд.

Бино ба гуфти сардори филиал, давоми соли равон барои рушди соҳаи картошкапарварӣ ба 63 хоҷагии деҳқонӣ 483 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст ва аз ин миқдор 402 ҳазор сомониаш қарзи имтиёзнок маҳсуб меёбад. Соли гузашта дар ҳамин давра барои рушди ин соҳа ҳамагӣ 171 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда буд. Афзудани маблағгузории филиали бонк ба ин соҳа имконият фароҳам овардааст, ки майдони кишти картошка дар ноҳия хеле зиёд шавад ва имкони парвариши ҳосили хуб фароҳам ояд. Ҷалби маблағҳои амонатӣ (депозитии) шаҳрвандон низ аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти бонкҳо маҳсуб ёфта, зиёд будани чунин маблағҳо далели аз маҳбубияти мизоҷон бархӯрдор будан ва сатҳи баланди эътимоди шаҳрвандон ба он аст. Қобили зикр аст, ки давоми чанд соли охир бо ибтикори бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди устувори низоми бонкӣ тавассути зиёд намудани пасандозҳо ва ҷалби бештари мизоҷон тадбирҳои муассир андешида шудаанд. Аз ҷумла маҷмӯи чорабиниҳои барномавӣ, қабули силсилаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», ки кафолати давлатиро ба пасандозҳои шахсони воқеӣ дар назар дорад, ба ин ҳадафҳо равона гардидаанд. Иқдомоти мазкур боис шудааст, ки заминаи қонунгузории ин бахш пурра фароҳам гардад. Акнун шаҳрвандони моро лозим аст, ки маблағҳои озоди худро дар бонкҳои ватанӣ, аз ҷумла ҶСК «Агроинвестбонк», нигоҳ доранд ва итминон дошта бошанд, ки кафолати пасандозҳои онҳо таъмин аст. Амали мазкур имкон фароҳам меорад, ки ҳамватанони мо аз маблағҳои амонатии (депозитии) дар бонкҳои мамлакат гузоштаашон даромади муайян гирифта, сатҳи зиндагии худро беҳтар намоянд ва айни замон тавассути ин сарчашма дар рушду тараққиёти иқтисоди Ватанамон саҳми арзанда гузоранд.

Фаъолияти пурмаҳсули кормандони филиал замина фароҳам овард, ки ҳаҷми чунин маблағҳо низ бамаротиб зиёд гардад. Айни замон дар филиали бонк 374 ҳазор сомонӣ маблағҳои амонатии (депозитии) аҳолӣ гузошта шудаанд ва ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 274 ҳазор сомонӣ афзудааст.

-Мо мақсад пеш гузоштаем, ки минбаъд низ фаъолиятамонро дар ин ҷода вусъат бахшем, зеро маблағҳои амонатии (депозитии) шаҳрвандон, ки ба филиали бонк ҷалб мегарданд, дар оянда ба сифати манбаъҳои қарзӣ истифода шуда, баҳри густариш пайдо намудани фаъолият шароит фароҳам меорад,- иброз медорад Раҷабалӣ Юнусов. Тайи панҷ моҳи соли равон тавассути филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ҷиргатол 7 миллиону 806 ҳазор сомонӣ аз хориҷи кишвар интиқол ёфтааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 миллиону 560 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Ҳамчунин дар ин давра тавассути филиал ба дохили ҷумҳурӣ 2 миллиону 161 ҳазор сомонӣ ва ба хориҷи кишвар 918 ҳазор сомонӣ интиқол дода шудааст. Мо тамоми шароитро фароҳам овардаем, ки мизоҷон сари вақт маблағҳои барояшон интиқолшударо дастрас намоянд, - мегӯяд ҳамсӯҳбатамон .

Истифодаи техникаву технологияи навини бахши бонкдорӣ аз омилҳои муназзамӣ ва самаранокии фаъолият маҳсуб меёбад. Бо назардошти муҳимияти масъалаи мазкур, зимни ирсоли Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуда буд: «Ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасонии бонкӣ ва ҷалби ҳар чӣ бештари захираҳои қарзӣ зарур аст, ки шабакаҳои бонкиро васеъ гардонида, барои тамоми намудҳои хизматрасонӣ шароит фароҳам оварда шавад. Дар ин ҷода сифати хизматрасониҳо бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардошта, оид ба танзими муомилоти нақдиву ғайринақдӣ чораҷӯйӣ карда шавад».

Сарфи назар аз дар минтақаи дурдасти кӯҳистон буданаш, бо дастгирии роҳбарияти бонк филиал бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз буда, омили мазкур заминаи асосии вусъати фаъолият маҳсуб меёбад. Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ҷиргатол фаъолияти хайриявию эҳсонкориро низ вусъат бахшида, дар арафаи ҷашнҳо ба оилаҳои камбизоат ва маъюбон кӯмаки моддӣ мерасонад. Ба наздикӣ аз тарафи филиал тӯйи хонадоршавии як ҷуфт ва маросими хатнасури 2 нафар дар сатҳи баланд доир карда шуд,- гуфт дар анҷоми сӯҳбат сардори филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ҷиргатол Раҷабалӣ Юнусов.

Шиносоӣ бо фаъолияти филиали мазкур моро мӯътақид гардонид, ки меҳнати пурмаҳсули кормандони он боиси маҳбубияти хоса касб намудани ҶСК «Агроинвестбонк» шуда, аз баракати умури созандагиашон як гӯшаи дурдасту кӯҳистони Ватани азизамон обод шудааст.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Далер МЕРГАНОВ,*
*«Садои мардум»*

# Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» хатсайри нави Хуҷанд – Бишкек – Хуҷандро ифтитоҳ менамояд



Парвозҳо дар хатсайри нав ҳафтае як маротиба - рӯзҳои душанбе тавассути ҳавопаймои Боинг 737-500 сурат мегиранд. Вақти парвоз аз фурудгоҳи Хуҷанд соати $11^{00}$ муқаррар гардида, давомнокии парвоз як соатро ташкил медиҳад. Арзиши чипта - 130 евро. Парвози нахустин дар хатсайри Хуҷанд - Бишкек - Хуҷанд санаи 11-уми июн роҳандозӣ мешавад.

Аз фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ҶСК «Тоҷик Эйр» айни замон ба самти Москва, Новосибирск, Санкт-Петербург ва Алма-ато парвозҳо анҷом медиҳад.

# НАЦИОНАЛЬНЫЙ СОЦИАЛЬНЫЙ ИНВЕСТИЦИОННЫЙ ФОНД ТАДЖИКИСТАНА (НСИФТ )

## ОБЪЯВЛЯЕТ КОНКУРС НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ:

**Главный специалист по общинным проектам филиала НСИФТ в г. Курган Тюбе-1 позиция**

Национальный Социальный Инвестиционный Фонд Таджикистана (НСИФТ) реализует Вторую фазу Программы «Общинные Фонды для содействия развитию базового образования и восстановлению коммунальной инфраструктуры» за счёт финансового Гранта от Немецкого Банка Развития KFW в рамках Финансового сотрудничества между Республикой Таджикистан и Федеративной Республикой Германия. Предполагается, что часть средств из этого Гранта будет использоваться НСИФТ на соответствующие выплаты в рамках реализации проектов по строительству школ в Хатлонской области.

1. НСИФТ приглашает квалифицированных специалистов с опытом практической работы для участия в конкурсном отборе на вакантную позицию:

**Главный специалист по общинным проектам филиала НСИФТ в г. Курган Тюбе**

несет ответственность за весь цикл реализуемых общинных проектов, за качество и объемы выполняемых работ, участвует в подготовке и проведении региональных и общинных исследований; оказывает техническую помощь общинам и Агентствам по реализации на всех стадиях цикла реализации общинных проектов; участвует в институциональном развитии общин; проводит оценки предложений на общинные проекты; оказывает помощь бенефициарам в выборе наиболее приемлемой, в каждом индивидуальном случае, форме вклада общины; участвует, при необходимости, в проведении технической или иной экспертизы общинных проектов; участвует в подготовке и проведении процедур закупок; осуществляет мониторинг за ходом реализации общинных проектов и качеством проводимых тренингов; Отвечает за координацию работы Агентств по реализации, подрядных организаций и других сторон, участвующих в реализации проектов; проводит контроль за качеством и объемом строительно-монтажных работ, за соблюдением установленных норм и стандартов; ведёт необходимую техническую документации по Общинным проектам; контролирует за ходом финансирования общинных проектов, сверяет соответствия Актов выполненных работ (АВР) их фактическому объему и качеству; несет персональную ответственность за использование качественных материалов в процессе строительно-монтажных работ, предусмотренных в сметах; оказывает помощь общине в подготовке технических и иных документаций объекта к сдаче; участвует в оценках общинных проектов.

**2. Предъявляемые требования к конкурсантам и критерии отбора на вакантные должности:**

- Наличие высшего экономического, инженерного, управленческого образования или по другим соответствующим дисциплинам (на должность Главного специалиста по общинным проектам, инженерное образование);
- Опыт работы по специальности не менее 5-лет, и не менее 3-лет опыта работы на руководящей должности.
- Минимум 3 года опыта работы в международных или правительственных организациях
- Опыт работы в области строительного проектирования не менее 3-х лет и владение программами Архикад, Автокад (на должность Главного специалиста по общинным проектам)
- Хорошее знание таджикского, русского и английского языков.
- Способность работать сверхурочно, выезжать в командировки в сельскую местность, в самые отдаленные села, работать в трудных условиях и проживать в самой общине.
- Практический опыт работы на персональном компьютере: Windows, MS Office и Excel
- Предпочтительно иметь опыт работы по проектам, финансируемым международными организациями.
- Быть специалистом своего дела и обладать искусством устной и письменной речи, способностями аналитического мышления, экономического и социального анализа и чувством высокой ответственности и желанием работы в открытой для общин организации.
- Иметь полное представление об уровне жизни населения страны, обладать навыками проведения социальных исследований, способностью к пониманию проблем бедности.
- Должен быть лишен этнических, региональных и местнических предрассудков.
- Адекватно воспринимать стратегию снижения проблем бедности в Республике Таджикистан и в регионах, стратегию, методологию и цели НСИФТ.

**Для участия в конкурсе необходимо до 2 июля 2012г. представить в НСИФТ следующие документы:**

1. Заявление на участие в конкурсе.
2. Резюме/Carruculum Vitae на русском и английском языках с фотокарточкой
3. Копия диплома о высшем образовании.
4. Копия трудовой книжки.
5. Рекомендательные письма, имена и телефоны 3-х поручителей, знающих конкурсанта не менее года.

Документы представлять в Административный Отдел НСИФТ по адресу: г. Душанбе, ул. Бехзод 25а.

Отобраные кандидаты будут приглашены на собеседование.

Кандидаты, прошедшие конкурс и получившие более высокую оценку, будут приняты на работу с обязательным испытательным сроком.

**Справки по телефонам НСИФТ: в г. Душанбе -221-31-08; 221-87-53; 221-68-44; 221-60-23 email: spap@ n s i ft. toj i k i sto n. c o m http://www.nsift.toiikiston.com./**

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Мутамарказгардонии компютерҳо (локальный сеть) | тибқи дархост | 05.07.2012 соати $10^{00}$ |
| 2 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Харидорӣ ва насби камераҳои мушоҳидавӣ | тибқи дархост | 05.07.2012 соати $10^{30}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.




## УРОЛИЗИН хурӯшаҳо

**Дар гурда барои қуму намак ҷой нест!**

Уролизин бо усули аврупоӣ ва умумиҷаҳонӣ тайёр шудааст, гиёҳҳои навчидаи онро наҷӯшонида бо тарзи таротар (холодное прессование) зуд бо технологияҳои ҳозиразамон гузаронида, сипас қиёми онро мехушконанд.

Шафоати **УРОЛИЗИН** ба ҳама намуди бемориҳои гурда ва пешобдон таъсирбахш аст.

Кори системаи пешоббарорро беҳ мегардонад ва хунукии сахти гурдаро аз байн мебарад.

Таъсири зиддиилтиҳобӣ дорад, талхарон ва пешоброн аст, қабзиятҳоро (спазмҳоро) рафъ мекунад.

**Омилҳо барои истифода:**

Табобати комплексии пиелонефрити бардавом; холетсистити бардавом; гипертензияи артериалӣ;

Дар табобати диатези туршпешоб (мочекислый) ва санги пешобдон бисёр натиҷаовар аст ва инчунин натиҷаҳои беҳтаринро - «Уролизин» ҳангоми табобати оксалурия, фосфатурия ва сангҳои то 1 см нишон медиҳад.

Истифодаи «Уролизин» якчанд маротиб фоизи баромадани қуму намакҳоро зиёд мекунад. (Давомнокии табобат аз таркиби намакҳо, шакл, андоза ва ҷойгирии қуму сангҳои хурд вобаста аст).

Вайроншавии мубодилаи моддаҳо (фарбеҳӣ);

Пешгирии аз нав пайдошавии сангҳо баъди баровардани онҳо (бо роҳи ҷарроҳӣ ё бо таъсири мавҷҳо);

Нафароне, ки аз варамкунии рӯй, пойҳо, дастон азият мекашанд, бешубҳа ба қадри ин давои нодир хоҳанд расид.

**Ба номгӯи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст**

**Таркибаш:** ҷавҳари 8 буттамеваю гиёҳҳои табиӣ ва глюкоза, ки аз витаминҳои зиёде мавҷуданд.

Ҳангоми диабети қанд, ҳомилагӣ истифодаи «Уролизин» номақбул аст. Бар зидди сангҳои калони гурда ва талхадон боэҳтиёт истифода бурда шавад.

**Истеъмол:** муддати як моҳ як қошуқчагӣ, се маротиба дар як рӯз.

Рақами қайд №001558. **Аз доруханаҳо пурсон шавед. Телефон барои маълумот: 985-10-55-05**



## ПОПУЛИН *АЗ КИРМҲО ХАЛОС МЕШАВЕМ!*

**Популин** дар асоси шираи сиёҳбед, ки ҳамчун воситаи зидди кирмҳо, зидди илтиҳоб ва ҳифз аз гепатит машҳур аст, омода гаштааст.
- барои нест кардани тамоми намудҳои кирми дар вуҷуди инсонбуда истифода бурда мешавад:
-барои боз ҳам афзудани таъсири дору баъди ҳар се рӯзи истифода **популин**ро бо об омехта клизма кардан зарур аст.
-ба ҷисми инсон зарар намерасонад ва бе тавсияи духтур истифода бурдан мумкин аст,
ҳатто ба ҳамаи нафарони солим бо мақсади пешгирӣ намудани пайдошавии кирм тавсия дода мешавад;
таъсирбахш аст, ҳар шахси истифодабурда беҳбудӣ ва фоидаашро зуд ҳис мекунад.
Тартиби истеъмол: ба кӯдакони аз 3 то 7-сола - 1/3-қошуқчагӣ, аз 7 то 12-сола - 2/3-қошуқчагӣ, аз 12-сола боло - дар як рӯз 2 бор яққошуқчагӣ, 30-40 дақиқа баъди хӯрок истеъмол кардан лозим аст.
Истеҳсолкунанда ООО «Биолит», Россия. **Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он - 985-33-33-17.**
Рақами қайд №000677. доруи эҳсосӣ. **Аз доруханаҳои шаҳр пурсон шавед.**



## "БАЮ-БАЙ" - Хоби ширин, хурдтаракон

*(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)*

"Баю-Бай"-маҳсулоти навоваронаву нодир буда, дар асоси технологияҳои баланд истеҳсол шудааст ва дар Россия бемисл аст. Беҳуда нест, ки дар давлатҳои Россияву Аврупо харид ба талаботи ин маҳсулот барои кӯдакон дар ҷойи аввал меистад.
"Баю-Бай" ба камшавии вақти хоббарӣ ва шумори бедоршавиҳои шабона мусоидат намуда, ҷиҳатҳои муҳимтарини хобро ба меъёр меорад.
Ба фаъолшавии равандҳои хотира ва ақлонӣ мусоидат намуда, азхудкунӣ ва омӯзишро ба ин тариқ беҳтар месозад.
Хоболудии рӯзонаро ба вуҷуд намеорад, фаъолнокӣ ва қобилияти кориро зиёд мекунад.
Амали якҷояи унсурҳои растанигӣ, таъсири нарми оромибахш расонида, ба инкишофи стресс монеа мешавад,
Маҳсулоти "Баю-Бай" дар таркибашон спирт ва қанд надоранд ва безарар ҳастанд.
**Тарзи истеъмол:** барои кӯдакони аз 3-сола боло 10-20-чакрагӣ ё 1-2 ҳаб рӯзе 3 маротиба дар вақти хӯроκхӯрӣ. Давраи истеъмол то1 моҳ.
Шишача 50 мл. бо чакрарез ё 60 дона ҳаб (таблетка)- и 0,5-грамма барои макидан.
**Телефон барои маълумот: 985-10-55-05 ва 918-47-93-93. Аз доруханаҳо пурсон шавед.**


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

5 июли соли 2012 музоядаи №14-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

1. Бинои истеҳсолии сехи сангбурии Корхонаи воҳиди «Экспедитсияи иктишофӣ- геологии Моғиён», воқеъ дар шаҳри Панҷакент, кӯчаи Б.Холмуродов, бо нархи ибтидоии 100 000 сомонӣ.
2. Бино ва иншоотҳои мошинсаройи ҶСК «Истаравшангаз», воқеъ дар шаҳри Истаравшан, кӯчаи Куришев 45, бо нархи ибтидоии 646 414 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-73-74, 221-16-14, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

5 июля 2012 года проводит аукцион №14 по продаже недвижимости

1. Производственный цех по резке камня УП «Экспедитсияи иктишофӣ-геологии Моғиён», по адресу: город Пенджикент, улица Б.Холмуродова, со стартовой стоимостью 100 000 сомони.
2. Здание и сооружение автогаража ОАО «Истаравшангаз», по адресу: город Истаравшан, улица Куришева 45, со стартовой стоимостью 646 414 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: **английский.** Время проведения **$10^{00}$** часов. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе амволи ба ҳабс гирифташуда – манзили чор ҳуҷрадор дар ошёнаи сеюми бинои истиқоматиро, ки дар нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Федина, бинои 5, ҳуҷраи 82 воқеъ аст, 14-уми июли соли 2012 соати $10^{00}$ бо арзиши ибтидоии 350400 (сесаду панҷоҳ ҳазору чорсад) сомонӣ ба фурӯш мегузоранд.

Хоҳишмандон метавонанд маълумоти иловагиро аз иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо телефони 235-21-66 дастрас намоянд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «Дифоъ», ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0231526 бо РЯМ 0410017016 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14 майи соли 2012 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Юнусов Исломиддин Мирзоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0162061 бо РЯМ 1230055356 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 3 марти соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад

➢ҶДММ «Профессионал сервис групп» бо РЯМ №020016683, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 134, ҳуҷраи 9 фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Ансорӣ Саҳбои Собит, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0230314309 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

➢Шаҳрванд Саидов Аҳмад Вайсиддинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0002114 бо РЯМ 0530000983 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 3 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

➢Шаҳрванд Ғолибҷон Замонзода, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0188421 бо РЯМ 0930052283 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 23 июни соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

## Эътибор надорад

➢Шиносномаи шаҳрвандии №А2470981-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 9 майи соли 2003 ба Ҳалимов Шодиҷон Мирзовалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми Т-ШТА № 0541925-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2010 ба Азизов Анушервон Зулфиқорович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли №Т-ШТУ №0403457-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2011 ба Кадыров Алишер Ильхомджонович додааст, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии №3294, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1991 ва Шартномаи хариду фурӯши №9Д-1021-и гумшуда, ки онро 6 декабри соли 1996 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ (собиқ Октябр)-и шаҳри Душанбе бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ, хонаи 77, ҳуҷраи 14-и ноҳияи И. Сомонӣ (собиқ ноҳияи Октябр)-и шаҳри Душанбе ба намояндаи ширкати «Фаробӣ-ЛТД» додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 13 июни соли 2012, соати 19.10 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26647 нусха*

*Навбатдори шумора* М. Нуралиев

*Тарроҳи компютерӣ* И. Самохин